«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
и.в сардори кафедраи ҳифз
дар ҳолатҳои фавқулодда,
капитани милитсия
___________Нуруллозода М
“____”______________ 2018

# Л Е К С И Я

(Аз фанни асосҳои омдаги ба ҳолатҳои фавқулодда )

Мавзӯъ.№6. Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда

Мураттиб. капитани милитсия Савирзода Д.

Душанбе - 2018

Нақша

Сарсухан

1. Асосҳои ҳуқуқии ташкил кардани ташкилоти ҷамъиятӣ.
2. Ҳамкории Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди ҲҶТ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ.

## Сарсухан

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ бинобар зарурияти ба худ хос , ё ба ибораи дигар, бахри қонеъ гардонидани талаботҳои муайяни ҷомеаи инсонӣ арзи вуҷуд намудаанд.

Ташкилоти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки чун қоида, дар асоси узвият таъсис ёфта, барои фаъолияти якҷояи шаҳрвандони муттаҳидшуда ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ таъсис дода мешавад.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби шаҳрвандон бо мақсадҳои муайян ва бе маҳдуд ташкил карда мешаванд. Дар замони муосир мақсади асосии ташкилотҳои ҷамъиятӣ якҷоя бо давлат ҳал намудани проблемаҳои мавҷуда мебошад. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои чамъиятии самти фаъолияташон гуногун бисёр мебошанд.

### 1.Асосҳои ҳуқуқии ташкил кардани ташкилоти ҷамъиятӣ.

Кумита бо ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Тафоҳумнома ё шартнома ҳамкорӣ мекунад. Ягона ташкилоти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо он Кумита Тафоҳумнома ба имзо расонидааст ин Ҷамъитяи Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон мебошад.

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ)** яке аз кӯхантарин созмонҳои башардӯстона дар кишвар буда, сар карда аз соли 1927 ба мардуми ниёзманд дасти ёрӣ дароз мекунад.

Дар соли 1992 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶҲАТ)-ро ба ҳайси чамъияти фароҷумҳурии мустақил, ихтиёрӣ ва иҷтимоӣ пазируфт. Дар соли 1997 ҶҲАТ узви Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар гардид.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) дар иродаи ёрии башардӯстона ба қурбониёни офатҳои табиӣ ба мисли сел, лагжиши

замин, хушксолӣ ва зилзилаҳо, ки мутаассифона, зуд-зуд дар Тоҷикистон рух медиҳанд, нақши асосиро мебозад. Ҷамъият, ҳамчунин, дар омодагӣ ва вокуниши саривақтӣ ба офатҳо дар Тоҷикистон саҳми арзанда дорад. ҶҲАТ дар саросари ҷумҳурӣ 69 шӯъба ва беш аз 15.000 ихтиёрӣ дорад. Дар соли 2010 Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни вижаи «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон»-ро ба тасвиб расонид ва бо н васила дорои замонатҳои давлатӣ ва афзалиятҳо будани Ҷамъиятро эътироф намудааст. Нақшаҳои барномавии ҶҲАТ бо ҳадафҳои саросарии Федератсияи байналмилалӣ ва Стратегии 2020 мувофиқанд. Самтҳои асосие, ки Федератсияи байналмилалӣ дар Тоҷикистон пуштибонӣ мекунад, аз ҷумла, сиҳатӣ ва беҳдоштӣ, мудирияти офатҳо, арзишҳо ва асосҳо ва тақвияти сохтории Ҷамъиятро фаро мегиранд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) бо аъзои дигари Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх, ҳамчунин, бо созмону кишварҳои ёрирасони дигар, ки бевосита ба Ҳаракат рабте надоранд, ҳамкориҳои наздик дорад.

Ҷамъиятҳои Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон қисми таркибии Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, иттиҳодияи ҷамъиятии ихтиёрӣ, ташкилоти худидораи гайритиҷорати буда, бо ташаббуси шаҳрвандон, дар асоси умумияти манфиатҳо барои муштаракан ба ҷо овардани вазифаҳои амалӣ гардонидани гояҳои башардӯстона ва гамхорӣ кардан дар ҳаққи мардум бо роҳи таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, ҳамчунин дастгирии фаъолияти башардӯстонаи мақомоти давлатӣ ва мақомоти худиидоракунии маҳаллӣ созмон дода шудааст.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона ташкилоти миллии Ҳилоли Аҳмар эътироф шуда, фаъолияти худро дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

**Тафоҳумномаи ҳамкорӣ байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон 4-сентябри соли 2008 аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидааст.**

Тафоҳумномаи мазкур аз приамбула ва 6 модда иборат буда, Моддаи 1. Асосҳои ҳуқуқии шартнома, Моддаи 2. Ҳадафҳои асосӣ, Моддаи 3.

Ҳадафҳои ҳамкорӣ., моддаи 4.. Самтҳои асосии ҳамкорӣ, Моддаи 5. Ӯҳдадории тарафҳо. Моддаи 6. Шартҳои махсус мебошад.

Мувофиқи моддаи 4-и Тафоҳумномаи мазкур Кумита бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар самтҳои зерин ҳамкорӣ мекунанд:

1.Тайёр кардани аҳолӣ, сохторҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар масъалаҳои омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва эътино ба онҳо.

2. Баланд бардоштани сатҳи огоҳкунии аҳолӣ оид ба хавфи ҳолатҳои фавқулодда ва пасткунии дараҷаи зарари онҳо.

3. Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои эътинои саривақтӣ ба ҳолатҳои фавқулодда.

4. Таъмин намудани танзими амалиёт, ҳамкории тарафҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар фаъолияти омодасозӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда дар сатҳи зарурӣ.

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки айни замон дар асоси тафоҳумномаҳо Кумита бо ташкилотҳои байналмилалие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда фаъолият доранд ҳамкорӣ менамоянд. Аз ҷумла:

- Тафоҳумнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ***Шӯъбаи ассотсиатсияи Оксфам Британияи Кабир дар Тоҷикистон;***

- Тафоҳумнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ***Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) дар Тоҷикистон ;***

- Тафоҳумнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ***Федератсияи Наҷоти кӯдакон дар Тоҷикистон;***

- Тафоҳумнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ***Шӯъбаи Агентии оид ба ҳамкориҳои техникӣ (ACTED) дар Тоҷикистон;***

- Тафоҳумнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ***ташкилоти ғайридавлатии байналхалқии Агроаксияи Олмон дар Осиёи Марказӣ;***

- Тафоҳумнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ***Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон***;

- Тафоҳумнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ***ташкилоти байналхалқии Фокус Кӯмаки башардӯстона дар Тоҷикистон;***

- Тафоҳумнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ***ташкилоти байналмилалии Австрия «HiIswerk Austria ihterhatiohal» дар Тоҷикистон.***

Бештари аз ин ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолияти худро дар ҷойҳо амалӣ менамоянд. Аз ҷумла, АКТЕД дар вилояти Сугд ва дигар ташкилотҳои байналмилалие, ки дар ҷойҳо амалӣ мешаванд (минтақаҳои фаъолият) сардорони ситодҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ вазифадоранд, ки оид ба иҷрои ***барномаҳои мазкур*** назорат баранд ва бояд, ки аз натиҷаи он ба Дастгоҳи Марказии Кумита, яъне Раёсати ҳамкории байналмилалӣ маълумоти муффасал пешниҳод намоянд.

2. ***Ҳамкории Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди ҲҶТ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ.***

Роҳбарияти Кумита, ситодҳои оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳоро вазифадор карда, ки оид ба кӯмакҳои башардӯстонаи ба аҳолӣ аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ ба аҳолии зарардида расонидашуда, мунтазам ба Кумита маълумот пешниҳод намоянд, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз роҳбарияти Ситодҳо оиди иҷрои он беаҳамияти зоҳир менамоянд. Инчунин сардорони ситодҳо маълумотҳоеро, ки ба Кумита мефиристанд бояд тафтиш карда шуда, баъдан ба Кумита ирсол намоянд.

Чунки ҳамаи он маълумотҳое, ки аз ҷойҳо, яъне аз ситодҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ба Кумита ворид мешаванд, бо маълумотҳои пешниҳод намудаи ташкилотҳои байналмилалӣ муқоиса карда мешаванд.

Баъд аз муқосаи он аз тарафи мутахассисони Кумита маълум мегардад, ки маълумотҳо нодуруст ва бо таври бояду шояд пешниҳод мегарданд. Бояд дар назар дошт, ки ҳисоботҳои додашуда, бо ҳисоботҳои ташкилотҳои байналмилалӣ мувофиқат намекунанд. Мисоли оддӣ ҳангоми гузаронидани яке аз ҷаласаҳои гурӯҳи зудбаҳодиҳӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар ҳолатҳои фавқулодда РЕАКТ яке аз намояндагони ташкитлоти байналмилалӣ ба саҳми иштирокчиён расонид, ки дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон аз тарафи ташкилоти байналмилалии ЧЕССИ як кӯпрук сохта ба истифода дода шуд, аммо мутассифона маълумот оиди кори анҷом додашуда аз ноҳияи мазкур ба Кумита ворид нашудааст ва роҳбарияти Кумита аз ин кор огоҳ нест.

Инчунин, дар ҷаласаи ҷамъбастии гурӯҳи зудбаҳодиҳӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар ҳолатҳои фавқулодда РЕАКТ аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ ҳисобот оиди фаъолияти солонаи онҳо дар минтақаҳо дода шуд, ки дар он маблаҳои зиёд истифода шуданд.

**Хулоса,**

тамоми он қумакҳое, ки аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ ба аҳолии аз офатҳои табиӣ зарардида ва ситодҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ расонида мешавад бояд, ки маълумоти муфассал ба раёсати ҳамкории байналмилалӣ на танҳо номгӯи кӯмак, балки маблағи арзиши он ба пуррагӣ пешниҳод карда шавад, инчунин пеш аз гузаронидани тренингҳо, семинарҳо ва вохӯриҳо ҳатман пешакӣ бо роҳбарияти Кумита тариқи раёсати ҳамкории байналмилалӣ мувофиқа намоянд.